*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063-и назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х.Борбад 48/5)*

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Наимзода Насимҷон Кудратулло дар мавзуи «Такмили таъминоти иттилоотии ташкили хизматрасонии сайёҳӣ (дар асоси маводҳои вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.06 – Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ)**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи сайёҳӣ яке самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии кишвар буда, дар ташаккули бозори хизматрасониҳо нақши муҳимро мебозад. Агар аз як тараф ҷойгиршавии шароити иқлимии кишвар ба соҳаи мазкур мусоидат намояд, аз тарафи дигар рақобатпазирии субъектҳои соҳаи мазкур метавонад ба баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо таъсири мусбӣ расонад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои объектҳои беназири сайёҳӣ буда, дар миқёси он мероси бузурги фарҳангию таърихӣ, мавқеи ҷуғрофии мусоид, манзараҳои гуногуни табиӣ, минтақаҳои фароғатӣ, олами наботот ва ҳайвонот ҷой гирифтаанд. Бинобар ин, анҷом додани таҳқиқоти илмӣ дар ин самт саривақтӣ буда, бартарияти сайёҳиро ба соҳаҳои алоҳидаи хоҷагии халқ бо дарназардошти технологияҳои иттилоотию иртиботӣ тақвият мебахшад.

Аз рӯйи вазифаҳои таҳқиқот маълум мегардад, ки дар диссертатсия бо мақсади тақвияти иқтидори сайёҳии кишвар омӯзиши хусусият, таснифоти захираҳои сайёҳӣ, арзёбии тамоюлу қонуниятҳои рушди соҳаи сайёҳӣ, таҳлили фаъолияти марказҳои иттилоотии сайёҳӣ, коркарди консептуалии такмили механизмҳои ташкили низоми марказҳои иттилоотии сайёҳӣ ва ҳаракати ҷараёнҳои иттилоотӣ мавриди таҳқиқи қарор дода шудааст.

Дар автореферат муаллиф моҳияти захираҳои сайёҳиро ҳамчун заминаи ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ муайян намуда, захираҳои сайёҳиро аз рӯйи намудҳои рекреатсионӣ, таббий, таърихию фарҳангӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ таснифбандӣ намудааст. Ҳазамон, бо мақсади ҷамъоварӣ ва коркарди иттилооти соҳаи сайёҳӣ, унсурҳои моделҳои қабули қарорҳои муфид дар заминаи технологияҳои иттилоотӣ-таҳлилӣ коркард ва пешниҳод гардидааст. Инчунин, ташрифи сайёҳон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва динамикаи вуруд ва хориҷи шаҳрвандон мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Барои тақвият ёфтани соҳаи сайёҳӣ дар заминаи низоми хизматрасониҳо ва технологияҳои иттилоотию иртиботӣ, муаллиф низоми хизматрасонии маҳсулоти сайёҳии маҷмуавии маркази сайёҳӣ ва сохтори намунавии маркази иттилоотии сайёҳиро коркард ва пешниҳод намудааст.

Дар қисми хулоса барои рушди соҳаи сайёҳӣ ва вуруди сайёҳон хулосаву тавсияҳо пешниҳод гардидааст.

Дар баробари ин, дар автореферат баъзе норасоиҳо низ ҷой доранд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Дар сохтори ташкилӣ ва иқтисодии МИС-и Бохтар “Маркази ахборотии сайёҳон” пешбини нашудааст.

2. Кластер ҳамчун шакли самарабахши рушти соҳибкории сайёҳӣ дар диссертатсия истифода бурда нашудааст.

3. Масалаҳои интегратсияи иқтидори иқтисодиву иҷтимоии сайёҳии Ҷумҳурӣ Тоҷикистон ва Ҷумҳурӣ Ўзбекистон дар диссертатсия ба эътибор нагирифта мондааст.

Ҳамаи эродҳо ва камбудиҳои зикршуда хусусияти ҷузъӣ дошта, ба моҳияти назариявӣ ва амалии диссертатсия, таъсири манфӣ намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намекунанд. Ҳамин тавр, аз рӯйи автореферати пешниҳодгардида метавон ба хулосае омад, ки таҳқиқот пурра аҷомёфта ҳисобида шуда, аҳамияти илмӣ ва амалиро доро мебошад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Наимзода Насимҷон Кудратулло дар мавзуи «Такмили таъминоти иттилоотии ташкили хизматрасонии сайёҳӣ (дар асоси маводҳои вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи маркетинг ва менеҷменти Донишгоҳи давлатии Бухоро, Ҷумҳурии Ўзбекистон** **Навруз-Зода Бахтиёр Негматович**

Имзои Навруз-Зода Бахтиёр Негматовичро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Бухоро, Ҷумҳурии Ўзбекистон _____________

Суроға: 205018,, Ҷумҳурии Ўзбекистон, шаҳри Бухоро, кўчаи Муҳаммад Икбол, 11.Тел: +998 90 5119051.